# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-004 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии №__________
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 03.01.2026, №66

Барои сазовор донистани Обидзода Умед Фозил «Ҳамкориҳои иқтисодии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар шароити тағйирёбии вазъи геоиқтисодӣ дар ҷаҳон», барои дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ).

Диссертатсияи Обидзода Умед Фозил «Ҳамкориҳои иқтисодии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар шароити тағйирёбии вазъи геоиқтисодӣ дар ҷаҳон», барои дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ), санаи 4-уми октябри соли 2025, таҳти суратҷаласаи №59/1, Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2021, №35 таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Обидзода Умед Фозил шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 10-уми июли соли 1998 таваллуд шудааст. Соли 2020 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳонӣ хатм намуда, зинаи магистратураро аз соли 2020 то соли 2022 ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст. Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 27.10.2022 с., №425-05 ба ҳайси докторант, доктори фалсафа (PhD), аз рӯи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) қабул шуда, зинаи мазкурро соли 2025 хатм намудааст.

Обидзода Умед Фозил фаъолияти кориашро аз соли 2022 то соли 2025 ба ҳайси муовини декан оид ба корҳои тарбиявии факултети молиявию иқтисодӣ оғоз намудааст. Аз соли 2025 то ин ҷониб дар вазифаи декани факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кору фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Асрорзода Убайдулло Саттор, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Содиқов Метархон Соқибоевич** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

– **Гулзода Фаррух Маҳмадшоҳ** – доктори фалсафа (PhD), мутахассиси пешбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

– **Муассисаи пешбар -** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, дар тақризи мусбати худ, ки аз тарафи доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Раҷабов Р.К. навишта шуда, дар ҷаласаи кафедраи фаъолияти гумрукӣ, иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмиллалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 6-уми декабри соли 2025, суратҷаласаи №5 баррасӣ гардида, аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор Назарзода Х.Х. 8-декабри соли 2025 тасдиқ шудааст.

Муассисаи пешбар дар тақризи худ қайд кардааст, ки ташкили дурусти ҳамкориҳои иқтисодӣ байни Тоҷикистон ва Хитой дар шароити тағйирёбии вазъи геоиқтисодӣ дар ҷаҳон, ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ имконият медиҳад, ки дар корхонаҳо дар шароити рақобат бодарназардошти хусусиятҳои соҳавӣ ба баланд бардоштани сифати кору хизматрасониҳо, паст гардидани арзиши аслии онҳо таъсири мусбат мерасонад. Инчунин, натиҷаҳо барои ҳаллу фасли масъалаи шуғли пурмаҳсул дар Тоҷикистон ва минтақаҳои он, паст шудани сатҳи камбизоатӣ имконият фароҳам меоваранд.

Мубрамияти мавзуи мазкур аз он иборат аст, ки дар шароити муосири рушди босуръати иқтисоди ҷаҳонӣ ва арзёбии таҳқиқи равандҳои муосири ҳамкориҳои иқтисодӣ байни давлатҳо бо назардошти дида баромадани тағйирёбии вазъи геоиқтисодӣ дар ҷаҳон ҷойи махсусро ишғол менамояд. Дар ин раванд ба назар гирифтани иқтидори афзояндаи Хитой дар иқтисоди ҷаҳонӣ ҳангоми арзёбии мавқеи «Як камарбанд - як роҳ» ҷойи асосиро ҳангоми таҳқиқ бо мақсади амалисозии равандҳои сармоягузорӣ ва тиҷоратро дар Осиёи Миёна ва Тоҷикистон тақозо менамояд.

Аз таҳлили густариши ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ бар меояд, ки омӯхтани самтҳои асосии воридоти сармоягузориҳои Хитой ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Тоҷикистон, аз ҷумла саноат, энергетика, роҳҳои автомобилгард ва инфрасохтор, қадами муҳим ба сӯйи таҳкиму мукаммалсозии пояҳои рушди дарозмуддат маҳсуб ёфта, вусъат ёфтани

ҳамкориҳо дар асоси шартномаву созишномаҳои дуҷониба ва барномаҳои муштараки сармоягузории байниҳукуматӣ саривақтӣ шуморида мешавад.

Дар робита ба гуфтаҳои боло, қайд намудан ба маврид аст, ки дар мубрамии мавзуи диссертатсияи Обидзода Умед Фозил ягон шубҳа нест ва он метавонад, ки дар раванди ҳамкориҳои иқтисодӣ байни Тоҷикистон ва Хитой дар шароити тағйирёбии вазъи геоиқтисодӣ дар ҷаҳон аҳаммияти назарраси илмӣ, методӣ ва амалиро дошта бошад.

Бо назардошти нуктаҳои зикргардида муассисаи пешбар интихоби мавзуъ, аҳаммияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Обидзода Умед Фозилро мубрам арзёбӣ намуда, таҳқиқоти анҷомдодашударо дар мавзуи «Ҳамкориҳои иқтисодии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар шароити тағйирёбии вазъи геоиқтисодӣ дар ҷаҳон», барои дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ)» кори илмии мукаммал ва баанҷомрасида ҳисобида қайд менамояд, ки дар он натиҷаҳои нави назариявӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсияи Обидзода Умед Фозил овардашуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро дар самти ҳамкориҳои иқтисодии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой эҷодкорона истифода бурдааст. Хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи таҳқиқот барои роҳандозии натиҷаҳои илмӣ дар амалия дар заминаи таҳлили назариявию таҷрибавӣ муайян гардида, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро исбот мекунад.

Асосҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертатсияи Обидзода Умед Фозил «Ҳамкориҳои иқтисодии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар шароити тағйирёбии вазъи геоиқтисодӣ дар ҷаҳон» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мутобиқ ва ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) мебошад.

Автореферати диссертатсияи Обидзода Умед Фозил тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**А) Мақолаҳои чопшуда дар нашрияҳои бақайдгирифтаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**(бо забони аслӣ)**

[1-М]. Обидов У.Ф. Омилҳои рушди сармоягузориҳои мустақими хориҷии Чин // Обидов У.Ф. // Паёми Молия ва иқтисод. Душанбе. – 2024 - №4.2 (43). - С. 544-551. ISSN: 2663-0389.

[2-М]. Обидов У.Ф. Навовариҳо дар бизнеси байналхалқӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон // М.Н. Ҳусайнов, У.Ф. Обидов, Н.А. Давлатов // Паёми Молия ва иқтисод. Душанбе. – 2024 - №4.2 (43). - С. 386-393. ISSN: 2663-0389.

[3-М]. Обидов У.Ф. Ташаккул ва рушди робитаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии халқии Чин // У.Ф. Обидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2024. – №6. Қисми 1. – С. 140-148. ISSN: 2413-5151.

[4-М]. Обидзода У.Ф. Ҳамкориҳои иқтисодии байни Тоҷикистон ва Чин: мушкилоти самаранокӣ ва дурнамои рушд // У.С. Асрорзода, У.Ф. Обидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2025. – №8.– С. 113-119. ISSN: 2413-5151.

[5-М]. Обидов У.Ф. Таҳаввулоти равишҳои назариявӣ дар таҳлил ва арзёбии муқоисавии ҳамкориҳои байналмилалии тиҷоратӣ сармоягузорӣ // П. Содиқзода, У.Ф. Обидов // Паёми Донишгоҳи давлатии Тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – №3(58).– С. 301-306. ISSN: 2308-054X.

**Б). Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ**

[6-М]. Обидов У.Ф. Рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // У.Ф. Обидов, А.М. Муртазоев // Маводи конфронси байналмиллалии илмию амалӣ дар мавзуи «Рақамикунонии идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ: ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодӣ». - Душанбе, 21-уми феврали соли 2025. – саҳ. 497-501.

[7-М]. Обидов У.Ф. Внешний долг РТ как фактор развития национальной экономики // У.Ф. Обидов, М.Н.Ҳусайнов, Ш.У. Азиззода // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Масоили тақвияти фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ». - Душанбе, 12-уми марти соли 2025. – саҳ. 102-110.

[8-М]. Обидов У.Ф. Таъсири фишанги молиявӣ ва таҳлили хавфи молиявии корхона дар замони муосир // У.Ф. Обидов, М.Н.Ҳусайнов, Н.А. Давлатов // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи

«Масоили тақвияти фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ». - Душанбе, 12-уми марти соли 2025. – саҳ. 156-164.

[9-М]. Обидов У.Ф. Самтҳо ва дурнамои ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратии Тоҷикистону Ҷумҳурии Мардумии Чин // У.Ф. Обидов, // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Масоили мубрами рушди соҳаи туризм дар шароити муосир». - Душанбе, 23-юми сентябри соли 2025. – саҳ. 5-13.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

1. **Ризозода Тура Раббим** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон:

- Сарфи назар аз аҳамияти мавзӯи зикршуда ва фарогирии хеле васеи ҳамкории иқтисодии байналмилалӣ, дар автореферат таъсири мушаххаси тағйироти геоиқтисодии ахир (сиёсати таҳримҳо, табдили занҷирҳои таъминоти ҷаҳонӣ ва афзоиши лоиҳаҳои ҳамгироии минтақавӣ) ба муносибатҳои иқтисодии Тоҷикистону Хитой ба таври кофӣ асоснок нагардидаанд. Ба назар мерасад, ки минбаъд механизмҳоеро, ки тавассути онҳо тағйироти геоиқтисодии ҷаҳонӣ ба динамикаи ҳамкории тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ байни Тоҷикистон ва Хитой таъсир мерасонанд, омӯхтан, инчунин муайян кардани дараҷаи мутобиқшавии сиёсати иқтисодии Тоҷикистон ба шароити нави беруна мувофиқ аст;
- Дар автореферат самтҳои асосии ҳамкорӣ (тиҷорат, сармоягузорӣ, лоиҳаҳои инфрасохторӣ) тавсиф шудаанд, аммо ба арзёбии хатарҳо ва маҳдудиятҳои ҳамкории дуҷониба, ки афзоиши қарзи беруна, номутавозинии амалиёти содиротӣ-воридотӣ ва вобастагӣ аз лоиҳаҳои инфрасохторие, ки аз ҷониби Чин маблағгузорӣ мешаванд, таваҷҷуҳи кофӣ зоҳир нашудааст.

2. **Қурбонзода М.Р.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Ректори ДДБ ба номи Носири Хурав бо чунин эродҳо:

- Нишондиҳандаҳои оморие, ки дар ҷадвалҳо оварда шудаанд, қисман мавриди тахдил, баҳогузорӣ ва баррасӣ қарор гирифтаанд;
- Агар муаллиф зимни таҳқиқот SWOT - таҳлилро иҷро менамуд ва дар асоси он ҷанбаҳои мусбат ва манфии рушди робитаҳои иқтисодиву тиҷоратиро миёни кишварҳо нишон медод, сифати автореферат хубтар мегардид.

3. **Иброҳимзода И.Р.** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Ректори Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- Муаллиф, дар диаграммаи 2, Таносуби молҳои воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Ҷумҳурии Халқии Хитойро нишон додааст, вале маълум насохтааст, ки кадом молҳоро Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Ҷумҳурии Халқии Хитой ворид месозад;

- Агар муаллиф зимни таҳқиқот дар ҷадвали алоҳида ҷалби қарзҳои хориҷиии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Ҷумҳурии Халқии Хитойро бо нишон додани самтҳои сафарбаркунии онҳо мавриди таҳлил қарор дода, дар асоси он натиҷаҳои ба дастомадаро нишон медод, сифати автореферат хубтар мегардид.

**4. Сафаров Б.Г.** - д.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- Барои хубтар гардидани сифати автореферат зарур аст, ки мубрамияти мавзӯъ таҷдид назар гардад;

- Расми 6, ки тартиби баҳодиҳии маҳсулотҳои нави бонкиро инъикос мекунад, ба таври зарурӣ таҳлил карда нашудааст.

Тақризҳои пешниҳодшуда мусбат буда, эроду таклифҳои манзургардида хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** дар асоси пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ, инчунин, бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувори онҳо дар доираи таҳқиқи масъалаҳои ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой, мутобиқ ба шароити тағйирёбандаи геоиқтисодии ҷаҳонӣ, мавҷудияти интишороти онҳо дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсии муқарризон барои пешниҳоди тақриз тасдиқ шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро баҳо диҳад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- **коркард карда шуд:** дар асоси омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои назариявӣ ва консептуалии густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сармоягузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар заминаи таҳлили илмӣ асоснок карда шудаанд. Муайян гардидааст, ки дар шароити муосир ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва сармоягузории ду кишвар бештар ифодагари манфиатҳои геосиёсии Хитой мебошанд;

- **пешниҳод карда шуд:** самтҳои афзалиятноки рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва сармоягузории байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой муайян ва асоснок карда шудаанд. Илман собит карда шудааст, ки пешрафти устувори ин равобит ба таҷдиди назар дар принсипҳо ва консепсияҳои ҳамкории иқтисоди хориҷии кишварҳо, инчунин ба коҳиш додани таъсири манфиатҳои геосиёсии Хитой дар ин раванд, вобастагии амиқ дорад;

- **исбот карда шуд**, ки афзоиши равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ, зарурати тавсеаи ҳамкориҳои сармоягузорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой тавассути истифодаи моделҳои гуногуни ҳамкорӣ ба миён меояд. Гуфтушуниди дуҷониба ва бисёрҷониба доир ба равандҳои ҳамгироӣ бояд бо такя ба манфиатҳои муштарак ва ҳамоҳангшуда сурат гиранд;

- **асоснок карда шудааст, ки** самтҳои муҳими калидӣ ва афзалиятноки рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой бо дарназардошти манфиатҳои дуҷониба таҳлил ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардида, пешниҳодҳо ҷиҳати роҳҳои такмилдиҳии баъзе аз ҷузъиётҳои онҳо оварда шуданд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

Дар таҳқиқ ва асоснок намудани ақидаҳои назариявӣ ва методии дигаргунсозиҳои қатъии робитаҳои тиҷоратию сармоягузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой ифода меёбад.

**исбот карда шудааст**, ки ояндаи рушдёбии ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва сармоягузории байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой ба татбиқи самараноки барномаҳои иқтисодии мавҷуда вобастагии зич дорад. Ҳар ду давлат бояд шабакаҳои логистикиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ ба таври самаранок ташкил намоянд. Пешрафти воқеии ин равобит танҳо дар ҳолате имконпазир мегардад, ки агар иқтисодҳои миллии онҳо ба тағйироти ҷиддии сохторӣ дучор шаванд;

- дар таҳқиқоти гузаронидашуда усулҳои таҳлили системавӣ, оморӣ-иқтисодӣ, таҳлилу синтез, индуксия ва дедуксия, таҳлилию қиёсӣ ва мушоҳидаҳо истифода бурда шудаанд;

- **баён шудани** мушкилоту маҳдудиятҳо дар рушди ҳамкориҳои дуҷониба дар бахши муносибатҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ ба таври возеҳу равшан асоснок карда шуда, бо такя ба таҷрибаи амалӣ ва нуқтаҳои назари илмӣ механизмҳои ҳалли ин мушкилоту маҳдудиятҳо пешниҳод гардидаанд;

- **ошкор карда шудааст**, самтҳои муҳими калидӣ ва афзалиятноки рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон

ва Ҷумҳурии Халқии Хитой бо дарназардошти манфиатҳои дуҷониба таҳлил ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардида, пешниҳодҳо ҷиҳати роҳҳои такмилдиҳии онҳо оварда шуданд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

**- коркард ва ҷорӣ карда шуд:** таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодҳои назариявию тавсияҳои амалии илман асоснок кардашудаеро оид ба рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой фаро гирифтааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки маводҳо, хулоса ва тавсияҳои илмии пешниҳодгардида, аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳои дар самти ташкил додани сиёсати берунии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ бо мақсади боз ҳам тезонидани суръати чунин робитаҳо ва баланд бардоштани самаранокии онҳо истифода хоҳанд гардид. (маълумотномаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, №02-33 аз 01.09.2025);

- **муайян карда шуд**, ки ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ: аз ҷумла, интихоб ва таҳияи мавзуъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва нақшаи кории иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Саҳми шахсии довталаб дар мукаммал гардидани назарияи самаранокии муносибатҳои сармоягузории байнисарҳадӣ саҳми назаррас гузоштааст. Дар асоси таҳқиқи вазъи гузашта ва имрӯзаи робитаҳои тиҷоратию сармоягузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки чунин робитаҳо чандон мукаммал нестанд ва аз назари манфиатҳои кишвар устувории рушди иқтисодро таъмин карда наметавонанд;

- **муаррифӣ карда шуд**: байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой имкониятҳои васеи ҳамгироии савдо ва ҳамкориҳои истеҳсолӣ мавҷуданд. Ин захираҳоро метавон бо истифода аз таҷрибаи таърихии ҳамкориҳои иқтисодии давлатҳои сотсиалистӣ дар чорчӯби Шурои ёрии иқтисодии байниҳамдигарӣ, ки то замони фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ амал мекард, фаъол гардонид. Он модел ба принсипҳои махсусгардонии истеҳсолот ва тақсимоти функсионалии фаъолияти иқтисодӣ байни кишварҳо асос ёфта буд. Маҳз чунин усули ҳамкорӣ метавонад дар шароити тағйироти сохтории иқтисодӣ ба коҳиш додани ихтилофоти мавҷуда мусоидат намояд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- **назария ва амалияи таҳқиқ** аз корҳои илмию тадқиқотии олимони ватаниву хориҷӣ бармеоянд, ки масъалаҳои инкишоф ва тараққии алоқаҳои тиҷоратию сармоягузориро дар миқёси макрорегиони Осиёи Марказӣ, инчунин дар байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ солҳои охир ба табъ расидаанд ва инчунин маводҳои ҷамъомадҳои илмӣ, назариявӣ ва методологӣ ва ҳамзамон, натоиҷи корҳои илмии дар Тоҷикистон ва дигар давлатҳои пасошуравӣ – Чин, Ветнам, ки ба муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ бахшида шудаанд, дарбар мегиранд;

- **ғояи таҳқиқот** дар асоси муқарраротн назариявию консептуалии олимони ватанию хориҷӣ дар бахши ҳамкориҳои иқтисодию сармоягузорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой, дар заминаи амалишавии ҳадафу мақсадҳое, ки дар Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Парлумони кишвар, «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» муайян шудаанд, маводҳои конференсияҳои гуногун, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet» асоснок шудааст;

- **аслият ва навгониҳои** натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳлили амиқи заминаҳои назариявӣ ва методологӣ барои омӯзиши ҳамкориҳои иқтисодию сармоягузорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой, хусусан дар сатҳи ҳамкориҳои саноатӣ дар шароити тағйирёбии муҳити геоиқтисодии ҷаҳонӣ инъикос ёфтаанд;

- **усулҳои муосири** ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот ҳангоми тартиб додани расмҳо, ҷадвалҳо, таҳия намудани диаграммаҳо ва коркарди тавсияҳо оид ба ҳамкориҳои иқтисодию сармоягузорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой истифода карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- саҳми шахсии муаллиф дар мукаммал гардидани назарияи самаранокии муносибатҳои сармоягузории байнисарҳадӣ саҳми назаррас гузоштааст. Дар асоси таҳқиқи вазъи гузашта ва имрӯзаи робитаҳои тиҷоратию сармоягузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ муаллиф ба хулосае омадааст, ки чунин робитаҳо чандон мукаммал нестанд ва аз назари манфиатҳои кишвар устувории рушди иқтисодро таъмин карда наметавонанд;

- тавсияҳои амалии таҳқиқоти муаллифро ҳамчун натиҷаи ҷудогонаи таҳқиқот метавон дар мавриди таҳияи муқарраротн назариявӣ ва методӣ ҳангоми

арзёбӣ ва мукамммалгардонии робитаҳои тиҷоратию сармоягузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ истифода бурд;

- аз рӯи мавзӯи таҳқиқот 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст;

- қисматҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба тасвиб расидаанд.

Дар ҷаласа аз 3 - юми январи соли 2026 шурои диссертатсионӣ барои сазовор донистани Обидзода Умед Фозил ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар узви Шуро 15 нафар (як нафар тариқи маҷозӣ) иштирок доштанд, 4 нафар мутахассис аз рӯйи диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар узви шуро, ки овоз доданд: тарафдор 15 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
д.и.и., профессор Усманова Т.Ҷ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
н.и.и., дотсент Гулов Ш.М.

03.01.2026с.